Ту назди мардумоне меравӣ, ки аҳли китоб ҳастанд, вақте онҳоро диди ба гуфтани "Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ" фаро бихон

Аз ибни Аббос (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) вақте Муъоз ибни Ҷабалро ба Яман фиристод, ба ӯ гуфт: "Ту назди мардумоне меравӣ, ки аҳли китоб ҳастанд, вақте онҳоро диди ба гуфтани "Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ" фаро бихон. Агар онҳо аз ту пазируфтанд ба онон бигӯ, ки Худованд дар як шабонарӯз панҷ вақт намозро фарз гардонидааст, пас агар онҳо намози панҷгонаро пазируфтанд ба онон бигӯ, ки Худованд садақаеро фарз гардонидааст, ки аз сарватмандони онҳо гирифта бар фақиронашон дода мешавад. Агар онҳо инро низ пазируфтанд аз амволи гаронбаҳои онҳо барҳазар бош ва аз дуои мазлум битарс, зеро байни мазлум ва байни Аллоҳ пардае вуҷуд надорад".

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Ҳангоме ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) Муъоз ибни Ҷабал (Худованд аз ӯ розӣ бод) - ро ба ҳайси муаллим ва даъваткунанда ба сӯи Аллоҳ ба сарзамини Яман фиристод, ӯро огаҳ фармуд, ки ӯ бо мардумоне аз насоро рӯ ба рӯ хоҳад шуд, то Муъоз омодагӣ барои мувоҷеҳ шудан бо ононро дар худ касб кунад ва даъвати худро аз амалҳои аз ҳама муҳимтар оғоз кунад. Нахуст онҳоро ба сӯи ақидаи дуруст фаро хонад, яъне гӯвоҳӣ диҳанд, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад фиристодаи Ӯ Таъоло аст. Зеро калимаи шаҳодат калид ва роҳи вуруд ба Ислом аст, ки агар онҳо калима арза намуда онро пазируфтанд ононро амр барои барпо доштани намозҳо бикунад, Зеро намоз бузургтарини воҷибот баъд аз тавҳид аст. Агар онҳо намозро барпо доштанд, пас сарватмандони онҳоро амр кунад, ки закоти молашонро ба фақирон диҳанд. Сипас Паёмбари Худо Муъозро аз гирифтани беҳтарин амволи онҳо барҳазар доштанд, зеро воҷиб он аст, ки аз амволи миёнаарзиш гирифта шавад. Сипас Паёмбари Худо ба ӯ тавсия кард, ки аз зулм дурӣ ҷӯяд, то мазлуме алайҳи ӯ дуо накунад, зеро дуои мазлум мустаҷоб аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3390